# 5.2 (08.00.00) ЭКОНОМИКА
# 5.2 ИҚТИСОДИЁТ
# 5.2 ECONOMICS

## 5.2.1(08.00.01) Экономическая теория
## 5.2.1 Назарияи иқтисодӣ
## 5.2.1 Economic Theory

***УДК*** *331.526*
***DOI****10.24412/2411-1945-2022-2-37-43*

### *БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ЗИНДАГИИ АҲОЛИИ МАМЛАКАТ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ*

***Насирова Умеда Наимовна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

### *ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ СТРАНЫ КАК ПРЕРОГАТИВНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ*

***Насирова Умеда Наимовна,*** *канд. экон. наук, доцент кафедры экономической теории ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

### *ELEVATION OF POPULATION'S LIVING STANDARD AS A PREROGATIVE DIRECTION OF SOCIAL POLITICS*

***Nasirova Umeda Naimovna****, candidate of the sciences of economics, Associate Professor of the department of economic theory under TSU LBP( Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:****nosirova_umeda@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сатҳи зиндагии аҳолӣ, некӯаҳволии аҳолӣ, сифати зиндагӣ, сиёсати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, сатҳи камбизоатӣ, сатҳи бекорӣ*

*Масъалаҳои баланд бардоштан ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир мебошад, ки он яке аз афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор меравад.Роҳу воситаҳои таъмини сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки муҳимтарин самти арзёбии самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин тадбирҳои пешниҳодшуда, ки ба ташаккул ва фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани некӯаҳволии моддии аҳолии кишвар нигаронида шудаанд, бояд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳалли мушкилоти бекорӣ, рафъи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шаванд.*

**Ключевые слова:** *уровень жизни населения, благосостояние населения, качество жизни, социальная политика, повышение уровня жизни, уровень бедности, уровень безработицы*

*Повышение уровня жизни и улучшение качества жизни населения как фактор обеспечения экономической безопасности в современном мире являются одними из приоритетных направлений и задач социально-экономической политики. Рассматриваются пути и способы обеспечения достойного уровня жизни населения, так как он является приоритетом при оценке эффективности социально-экономической политики государства. Важнейшие меры, направленные на формирование и создание благоприятных условий для улучшения материального благосостояния населения страны,*

*должны быть ориентированы на создание новых рабочих мест, решение проблемы безработицы, искоренение бедности в Республике Таджикистан.*

***Key-words**: population's living standard, population's welfare, life quality, social politics, elevation of population's living standard, level of poverty, level of unemployment*

*Elevation of living standard and improvement of population's living standard as factors of insurance of economic security in today's world are ones of priority streamlines and goals of social – economic politics. The author canvasses the ways and modes of insurance of worthy living standard for population as the former enjoys priority under an assessment of effectiveness in reference to social – economic policy of the state. The most important measures aimed at formation and creation of favorable conditions for improvement of material welfare of our country's population should be oriented on launching new job vacancies, solution of unemployment problems, poverty eradication in Tajikistan Republic.*

Дар низоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ «сатҳи зиндагии аҳолӣ» яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми муайянкунандаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Асосҳои назариявии беҳтар намудани шароит ва сифати зиндагии аҳолӣ ва умуман масъалаи баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволӣ дар асарҳои олимон ва иқтисоддонони намоён А.Смит, А.Маршалл, Д.Рикардо, Т.Малтус, Л.Волрас, Ҷ.М. Кейнс ва дигарон баррасӣ шудааст.

Дар инкишофи назария ва амалияи сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ иқтисодшиносони рус, ба монанди Е.И. Капустин, С.Г. Струмилин, Н.И. Бузляков, Н.М. Римашевская, И. Герасимов, В.Г. Копнин, Н. Федоренко ва Майер В.Ф., Е.Г. Ясин, Е.Т. Гайдар, В.М. Жеребин, А.Н. Романов, А.Г. Крижановская, И.В. Липситс, Д.В. Феоктистов, В. Левашов, М. Ермакова, В.М. Рутгайсер, П. Шпилко, В. Бобков ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Инчунин асарҳои якчанд олимони ватанӣ, ба монанди Бойматов А.А., Орипов А.О., Махшулов М. ва дигарон ба масоили иҷтимоию иқтисодии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бахшида шудаанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои ҷудогонаи масъалаи мазкур ҳангоми гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидаанд. Аммо масъалаҳои муайян кардани чунин категорияҳо, ба монанди эҳтиёҷот, сатҳи кифояи истеъмол, таъмини сатҳи баланди зиндагӣ, сифати зиндагӣ, дараҷаи некӯаҳволӣ ва ғайра ҳанӯз ба қадри бояду шояд омӯхта нашудаанд. Сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ муҳимтарин самти арзёбии самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ вазифаи муҳимтарини ҳокимияти мамлакат дар шароити ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ таҳия ва дар амал татбиқ намудани маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми мамлакат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба шумор меравад. Таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ ва мусоидати ҳаматарафаи давлат ба он дар шароити кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳалли бомуваффақияти муаммои мазкур, пеш аз ҳама, гарави устувории сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷамъият мебошад. Ҳалли проблемаи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ боиси баланд шудани самараи ислоҳоти иқтисодии дар мамлакат идомаёбанда мегардад. Ҳалли ин масъала хело муҳим буда, бисёр проблемаҳои дигари ҷомеаи имрӯза ва некӯаҳволии аҳолии мамлакат бо он алокамандии зич доранд.

Гузаштан аз низоми идоракунии маъмурӣ-фармонфармоӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ва оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии он дар аксарияти мамлакатҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон хело тезу тунд ҳис карда мешуд. Дар натиҷаи гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигари иқтисодӣ сатҳи даромади қисми зиёди аҳолии Тоҷикистон аз ҳадди ақалли зиндагӣ пасттар гардид, ки он ба сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардуми кишвар таъсири ниҳоят калони манфӣ расонид. Дар натиҷаи дигаргуниҳои дар мамлакат ба вуқӯъ омада ва гузариш, сатҳи музди меҳнати аслии аҳолӣ хеле паст шуд, ки ин боиси паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ

ва пеш аз ҳама, сатҳи истеъмолот ва коҳиш ёфтани ҳаҷми истеъмоли тамоми неъматҳои моддию маънавӣ гардид.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҳар як мамлакат, яке аз шартҳои хатмӣ ва муҳимми эҳёи сиёсати иҷтимоӣ ва омили таъмини амнияти иқтисодии давлат дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар мамлакатҳои ҷаҳон масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодии давлат маҳсуб мегардад.

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ аз тамоюли рушди иқтисодӣ хеле ақиб мондааст ва маҳз ҳамин сабабгори номутаносибии афзоиши даромади тамоми аҳолии мамлакат мегардад. Тавре дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санаи 21 декабри соли 2021 қайд намуданд, ҳадафи олӣ ва асосии давлат ва Ҳукумати кишвар бояд беҳтар намудани шароити зиндагии мардум, баланд бардоштани сатҳ ва беҳтар намудани сифати зиндагонии аҳолӣ бошад. Инчунин зикр гардид, ки “Дар ин ҷода, дар бист сол 3 ҳуҷҷати стратегӣ оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад.

Барои татбиқи стратегияву барномаҳои зикргардида дар давоми 20 соли охир аз тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст.Ҷиҳати ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии кишвар танҳо дар доираи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар се соли охир зиёда аз 25 ҳазор иншооту биноҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ сохта, ба истифода дода шуданд” [1].

Инчунин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд карда шуд, ки дар натиҷаи татбиқи барномаю стратегияҳои зикршуда, инчунин корҳои дар ин давра анҷом дода шуда, дар кишвари мо беш аз 3 миллиону 300 ҳазор ҷойи кории доимву мавсимӣ таъсис дода шуд, ки ин ниҳоят ба беҳтар шудани шароит, сатҳ, сифати зиндагӣ ва некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Ба назари мо дар вазъи кунунӣ ҳукумати мамлакат бояд ба васеъ намудани имкониятҳо барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолии мамлакат мусоидат кунад. Зеро сустшавии инкишофи иқтисодиёти мамлакат асосан сабабгори тавсеа ва амиқрафти камбизоатӣ мегардад ва барои бартараф намудани он иҷрои як қатор вазифаҳо зарур аст:

- ✓ пеш аз ҳама стратегияи ҳамаҷониба ва дарозмуддат таҳия намудан зарур аст, ки он метавонад сабабҳои сохтории камбизоатии аҳолии мамлакатро ба инобат гирад, инчунин ба маҳдуд кардани камбизоатӣ дар кишвар мусоидат намояд;
- ✓ равона кардани дастгирии давлатӣ ба ташаккули заминаҳои зарурии иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҳуқуқии худмаблағузорӣ дар асоси меҳнат;
- ✓ пурзӯр намудани нақши хамохангсозии давлат ва аз нав барқарор намудани масъулияти ичтимоии шахрвандони мамлакат.

Мухиммият ва самаранокии иқтисоди бозоргониро таҷрибаи бунёди чунин иктисодиёт ва рушди аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон собит месозад, бинобар ин он барои мамлакатҳои собиқ шӯравӣ ибтидоии гузариш ба муносибатҳои нави истеҳсолӣ махсуб мегардад. Ташаккул ва инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ва муносибатҳои бозорӣ дар ҳамаи мамлакатҳои давраи гузариш, аз ҷумла Тоҷикистон зарурати ҳалли як қатор вазифаҳои асосиро тақозо мекунад:

- ➢ дар асоси талабу эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон барпо намудани истеҳсол ва такрористеҳсоли молу хадамот;
- ➢ бо озодии иқтисодӣ ва интихоби озод таъмин кардани аҳолии мамлакат;

- ташкил ва фароҳам овардани шароит барои ҳавасманд намудани меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ ва эҷодкории кормандон;
- баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ ва сатҳи зиндагӣ, сифат ва некӯаҳволии аҳолӣ;

Дар амал татбиқи бандҳои дар боло зикр гардида, ниҳоят боиси ба даст овардани на танҳо дараҷаи баланди рушд, балки устувории рушди иқтисодиёти мамлакат, инчунин баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мегардад. Ҳалли ин вазифаҳо ниҳоят душвор ва мураккаб мебошад ва мураккабиаш дар он зоҳир мегардад, ки барои ба даст овардани устувории иқтисодӣ дар як вақт дар амал татбиқи онҳо зарур аст. Аммо бояд гуфт, ки дар маҷмӯъ ҳама гуна навъи иқтисодиёт як низоми мураккаб ва гуногунҷанба мебошад, ки аз сохторҳои гуногун иборат аст, ки ҳар яки онҳо дар навбати худ унсурҳои зиёдеро фаро мегиранд. Ҳадафи стратегӣ ва муҳимтарини ҳар як давлати мутамаддин расидан ба сатҳи баланди зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки на танҳо ба рушд,  балки ба инкишофи нерӯи инсонӣ мусоидат карда метавонад.

Дар асоси гуфтаҳои боло вазифаҳоеро, ки дар назди иқтисодиёти ҳама гуна низомҳо истодаанд, муайян кардан мумкин аст. Моҳият ва зарурати иҷрои ин вазифаҳо роҳ надодан ба паст шудани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, бартараф намудани проблемаҳои ҷойдоштаи камбизоатии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи бекорӣ дар мамлакат мебошад. Дар марҳилаи кунунӣ ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодии ҳар як давлат сиёсати иҷтимоӣ бояд қисми асосии стратегия ва рушди иқтисодии давлат гардад, зеро маҳз сиёсати иҷтимоӣ ба нигоҳ доштани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ нигаронида шудааст. Чуноне ки дар китоби Н. А. Волгин оварда шудааст: «Сиёсати иҷтимоии давлат – ин сиёсатест, ки ба тағйир додани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиш додани зиддиятҳои байни иштирокдорони иқтисоди бозоргонӣ ва пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ дар заминаи иқтисодӣ нигаронида шудааст. Сиёсати иҷтимоии давлат аз нуқтаи назари фаъолияти низоми иқтисодӣ нақши дутарафа мебозад. Якум, ҳамчун унсури рушди иқтисодӣ ҷамъоварии сарвати миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ, ки он мақсади асосии фаъолияти иқтисодӣ мегардад, яъне мақсад ва ҳадафи марказии сиёсати иҷтимоӣ ин рушди иқтисодии мамлакат мебошад. Инчунин ин омили рушди иқтисодӣ низ ба ҳисоб меравад, барои он ки агар рушди иқтисодӣ ба баланд шудани некӯаҳволии аҳолӣ оварда нарасонад, он гоҳ одамон ҳавасмандии фаъолияти самараноки иқтисодиро аз даст медиҳанд» [5, с.19].  Сиёсати иҷтимоии давлат ба нигаҳдории сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолии кишвар нигаронида шуда, он аз тараққиёти давлат ва вазъи иҷтимоию  иқтисодии мамлакат вобастагӣ дорад.

Мафҳуми сиёсати иҷтимоӣ бо проблемаҳои иқтисодии мамлакат зич алоқаманд аст ва он ба мустаҳкам намудан ва такмил додани иқтидори истеҳсолии мамлакат, таъмини захираҳои меҳнатии мамлакат бо ҷойи корӣ ва музди меҳнати арзанда нигаронида шудааст. Ҳамаи ин чораҳои давлату ҳукумат ва тамоми барномаву тадбирҳо бо он мақсад андешида мешаванд, ки ба ҳар як сокини кишвар шароити хубу шоистаи зиндагӣ фароҳам оварда шавад ва ин ҳадафи олии ҳар як давлат мебошад.

Нишондиҳандаҳои оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ иқдом ва корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ оид ба масъалаи мазкур чунин таъкид шудааст. «...аз соли 2000 то имрӯз ҳаҷми ММД ба 2,3 баробар ва афзоиши солонаи он ба ҳисоби миёна 7 фоизро ташкил дод, ки дар натиҷа ММД ба ҳар сари аҳолӣ 5,3 баробар афзуда аст. Аз соли 2000 то соли 2011 ҳаҷмии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2,5 баробар, молҳои саноатӣ 2 баробар, ҳаҷми муомилоти моли чакана 3,5 баробар ва гардиши савдои хориҷӣ 2 баробар афзуд. Аз ҷумла дар соли 2011 назар ба соли 2010 истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 8 фоиз, маҳсулоти саноат 6 фоиз, гардиши савдои чакана 9 фоиз ва савдои беруна 15,5 фоиз зиёд гардидааст. Муҳимтар аз ҳама он ҳисобида

мешавад, ки ҳаҷми даромади аҳолӣ, ки тадриҷан инкишоф меёбад, аз як миллиард сомонӣ дар соли 2000 дар соли 2011 ба 16,2 миллиард сомонӣ расид, яъне даромади аҳолӣ 16 баробар афзуд» [2]. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар он ҷо возеҳ зикр кардааст, ки «... аммо ҳамаи ин дастовардҳо эҳтиёҷоти таъхирнопазири аҳолиро қонеъ гардонида наметавонад ва мо бояд мутобиқи рушди иқтисодии кишвар раванди мазкурро дар солҳои оянда идома диҳем» [2]. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 23 апрели соли 2014 баргузор гардида буд, чунин таъкид шудааст: «Бо вуҷуди тамоюлҳои манфӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёти кишвар, соли 2013 афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,4 фоиз нигоҳ дошта шуда, даромади пулии аҳолӣ 16,5 фоиз ва маоши якмоҳаи як корманд 20 фоиз афзуд» [3]. Дар давраи солҳои 2011-2017 бошад, ҳаҷми истеҳсоли ММД аз 24,7 ба 54,4 миллиард сомони ё худ ба 2,2 баробар афзуд. ММД ба ҳар сари аҳолӣ мутаносибан бештар аз 1,9 баробар афзуд. Дар давраи баррасишаванда даромади пулии аҳолии мамлакат низ афзуд, ҳамчун заминаи моддии баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ аз 13256,0 ба 27637,5 миллион сомони ё худ бештар аз 2,1 баробар афзоиш ёфтааст. Фонди музди меҳнат аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти хоҷагӣ низ аз 2791,9 ба 7697,3 миллион сомони ё худ қариб 2,75 баробар ва ҳиссаи он дар ММД низ 2,8 фоиз афзуд [9, с.11-15]. Дар соли 2020 бошад, ММД дар Тоҷикистон 82,5 миллиард сомони (7,3 миллиард доллар)- ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2019 - 4,5 фоиз зиёд аст. Дар Паёми навбатии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки "... аз ҷумла дар ин давра музди миёнаи меҳнат меҳнати кормандони соҳаҳо ва соҳаҳои гуногун 87 баробар, андозаи нафақа 80 баробар ва даромади пулии аҳолӣ 75 баробар афзоиш ёфт [1 ].

Сатҳи зиндагии аҳолиро асосан аз рӯи тамоюли афзоиши сатҳи даромад ва хароҷоти аҳолӣ бо назардошти пасандозҳо баҳодиҳӣ ва таҳлил намудан имконпазир аст:

**Тамоюли зиёдшавии даромад ва хароҷоти аҳолӣ**

| | **Нишондиҳандаҳо** | **2005** | **2010** | **2015** | **2018** | **2019** | **афзоиш дар соли 2019 нисбати соли 2010** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| • | Даромадҳои пулии аҳолӣ (млн.сомонӣ) | 3755,6 | 13256,1 | 25569,8 | 41083,9 | 47986,3 | 3,62 |
| • | Даромадҳои пулии аҳолӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар | 542,7 | 1750,4 | 3025,4 | 4550,3 | 5203,6 | 3,0 |
| • | Хароҷот ва пасандозҳои аҳолӣ (млн.сомонӣ) | 3796,8 | 13948,5 | 34968,0 | 42346,4 | 48857,2 | 3,5 |
| • | Афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар % | 100 | 322,5 | 192,8 | 160,6 | 116,8 | - |

***Манбаъ:*** *ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои – Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ. – Душанбе: АОПҶТ, 2016; Тоҷикистон дар рақамҳо. – Душанбе: АОПҶТ, 2016; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОПҶТ, 2020.*

Баландшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ аз динамикаи даромади аҳолӣ вобастагӣ дорад, чунки даромади аҳолӣ нишондиҳандаи мустақими сатҳи зиндагӣ ба шумор меравад. Аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки нишондиҳандаҳои даромади аҳолӣ тамоюли мусбат дорад ва то андозае ба баланд

шудани сатҳи зиндагии аҳолии мардуми кишвар таъсир мерасонад. Масалан, агар даромади пулии аҳолӣ дар соли 2019-ум нисбат ба соли 2010 –ум 3,62 маротиба баланд шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2019 нисбат ба соли 2018-ум 1,2 баробар афзоиш ёфтааст. Хароҷот ва пасандозҳои аҳолӣ бошад дар давраи таҳлилшаванда , яъне дар соли 2019-ум нисбат ба соли 2010 –ум 3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолии мамлакат бо сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқаи зич дорад. Баланд шудани даромади аҳолӣ ба нишондиҳандаҳои на танҳо сатҳ, балки сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад. Маҳз даромади баланд ё хуб имконият медиҳад, ки ба инсон маълумоти хуб, истеъмоли молҳои баландсифат, хизматрасонии хуб, сатҳи хуби табобат ва монанди инҳо дарстрас бошад.

Ҳукумати мамлакат баҳри таъмини сатҳи зиндагии баланд ва шоистаи мардум корҳои мақсаднок бурда истодааст, ки дар ин бобат паст шудани сатҳи камбизоатӣ гувоҳӣ медиҳад. Масалан, агар сатҳи он дар соли 1999 - 83 фоизро ташкил диҳад, пас он дар соли 2019 то 26,3 фоиз коҳиш ёфт, ки ин яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолияти Тоҷикистон мебошад.

Воқеан дар самти таҳкими пояи иқтисодии ҷомеа ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми кишвар дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам бисёр мушкилоти ҳалнашуда вуҷуд доранд, ки ҳалли саривақтии худро талаб мекунад.

Бояд зикр намуд, ки солҳои охир бо баробари беҳбудии назарраси иқтисодиёти миллӣ, имконияти давлат низ дар самти густариши доираи тадбирҳо оид ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоии ҳар як фарди ҷомеаи мамлакат меафзояд. Тартиб додан ва дар амал татбиқ намудани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолии мамлакат муносибати ҳамаҷониба, мунтазам ва ҳаматарафаро талаб мекунад. Муҳимтарин тадбирҳои пешниҳодшаванда ба фароҳам овардан шароити мусоид барои баланд бардоштани некӯаҳволии моддии аҳолии мамлакат бояд ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳалли мушкилоти бекорӣ, рафъи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шаванд ва баҳри амалигардонии он ба фикри мо пеш аз ҳама:

- ба вуҷуд овардан ва афзун гардондани корхонаҳои нави бахши воқеии иқтисодиёти мамлакат дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро ҳамаҷониба ҳавасманд гардонидан лозим аст ва онҳо бояд дар асоси татбиқи натиҷаҳои прогресси илмиву техникӣ ё ба инкишофи он нигаронида шуда бошад;
- ҳавасманд намудани фаъолияти корхонаҳое, ки дар асоси ҷалби сармоягузории хориҷӣ фаъолият мебаранд;
- шаклҳои имтиёзноки қарздиҳии бонкҳоро ба соҳаҳои истеҳсолии иқтисодиёт вусъат ва ҳамаҷониба инкишоф додан зарур аст;
- гузаронидани ҳисобҳои ҳамаҷониба барои муайян кардани ҳаҷми маблағгузорӣ баҳри аз нав барқарорсозии соҳаҳои комплекси саноатии мамлакат ва дар асоси он таъмин намудани тараққиёти устувор ва баландсифати хоҷагии халқ.

***Пайнавишт:***

1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 // Сомонаи расмӣ- https://mfa.tj/ru/main/view/9389/poslanie-prezidenta-tadzhikistana-lidera-natsii-ob-osnovnykh-napravleniyakh-vnutrennei-i-vneshnei-politiki-respubliki(санаи дастрасӣ: 21.12.2021) - Матн: электронӣ.*
2. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.11.2012 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - https://zakupki.gov.tj/tj/prezident/ (сана: 19.11.2012) - Матн: электронӣ.*
3. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04. 2014 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон -*

*https://mfa.tj/ru/main/view/305/poslanie-prezidenta-tadzhikistana-emomali-rakhmona-madzhlisi-oli (сана: 23.04.2014) - Матн: электронӣ.*

4. *Абакумова Н., Подовалова Р. Политика доходов и заработной платы / Н. Абакумова, Р. Подовалова – Текст: непосредственный. - Москва: ИНФРА-М, 1999 . – 342 с.*
5. *Волгина Н.А. Социальная политика / Н.А. Волгин. – Текст: непосредственный. - Москва: Изд-во РАГС, 2005. – 19 с.*
6. *Орипов А.О. Производство, доходы, потребление / А.О. Орипов. - Текст: непосредственный. - Душанбе: Ирфон, 1995. – 160 с.*
7. *Рахимов Р.К. Проблемы развития переходной экономики / Р.К. Рахимов – Текст: непосредственный. – Душанбе, 2012. – 814 с.*
8. *Эрхард Л. Благосостояние для всех / Л. Элхард – Текст: непосредственный. Москва: Начала Пресс, 1991. - 255 с.*
9. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017. - 474 с.*
10. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020 // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - 478 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *The Message of Tajikistan Republic President, Leader of the Nation, Reverend Emomali Rakhmon "On Principal Directions of Home and Foreign Policy of the Republic" from 21.12.21 Official site of TR President https://mfa.tj/ru/main/view/9389/poslanie-prezidenta-tadzhikistana-lidera-natsii-ob-osnovnykh-napravleniyakh-vnutrennei-i-vneshnei-politiki-respubliki (Regime of availability: 21.12.21 – Electronic text)*
2. *The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic from 19.11.2012// Official site of TR President: https://zakupki.gov.tj/tj/prezident/ (Date: 19.11.12) Electronic text*
3. *The Message of Tajikistan Republic President Emomali Rahmon to* ***Majlisi Oli*** *of Tajikistan Republic from 23.04.2014// Official site of TR Presidenthttps://mfa.tj/ru/main/view/305/poslanie-prezidenta-tadzhikistana-emomali-rakhmona-madzhlisi-oli (Date: 23.04.2014) Electronic text*
4. *Abakumova N.,Podovalova R. The Policy of Incomes and Wages// N.Abakumova, R. Podovalova. Direct text. – Moscow: INFRA-M. – 1999. – 342pp.*
5. *Volghina N.A. Social Politics// N.A. Volghina-Direct text. – Moscow: RAGS, 2005. – 19pp.*
6. *Oripov A.O. Manufacturing, Incomes, Consumption//A.O.Oripov. – Direct text. Dushanbe: Cognition, 1995. – 160 pp.*
7. *Rahimov R.K. The Problems of Transitive Economy Development// R.K.Rahimov. Direct text. – Dushanbe, 2012. – 814 pp.*
8. *Erhard L. Welfare for all. // L. Erhard–Direct text. Moscow: Press Initiatives, 1991.-255pp.*
9. *Official Site of Tajikistan Republic, 2017//Agency under the Auspices of Tajikistan Republic President.-Dushanbe, 2017.-474pp.*
10. *Official Site of Tajikistan Republic President-2020 // Agency under the Auspices of Tajikistan Republic President.-Dushanbe, 2020.- 478pp.*